«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________ Қурбонзода М.Р.
«__27__» ______08______ 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).

Таҳқиқоти диссертатсионии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисос мутобиқат дошта, ба яке аз самтҳои афзалиятноки таърихнигории кишвар дахл дорад. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи марбутаи муассисаи асосӣ баррасӣ ва баҳои мусбат гирифтааст.

Мавзуи таҳқиқот оид ба таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон аз нигоҳи мазмун ва муҳтаво басо муҳим ва ҷавобгӯ ба ниёзҳои илмӣ мебошад. Он ба таҳқиқи ҷанбаҳои муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар дар давраҳои мухталифи асри XX ва аввали асри XXI равона гардидааст. Ин масъала қаблан ба таври ҷудогона ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашуда буд, бинобар ин интихоби чунин мавзӯъ ҳамчун таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра асоснок мебошад. Дар шароити имрӯзаи рушди кишвар ва таваҷҷуҳи хос ба омӯзиши таърихи соҳаҳои иқтисодӣ, омӯзиши таърихи электрикунонӣ дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Муҳиммияти илмӣ ва амалӣ**

Мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мубрам ва муҳим аст. Нахуст, аҳаммияти илмии мавзуъ дар он аст, ки он холигии ҷойдоштаро дар таърихнигории рушди инфрасохтори энергетикии кишвар пурра менамояд. Таҳқиқоти мазкур ҳамчун аввалин омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои гуногуни

таърихӣ раванди электрикунонии ин минтақаҳоро дар тӯли зиёда аз садсола таҳлилу баррасӣ намояд. Аз ин рӯ, диссертант тавонистааст мавзӯи тозаи таърихиро пешниҳад кунад ва доираи маълумоти илмиро дар бораи рушди соҳаи энергетикаи ватанӣ тавсеа бахшад.

Бо дарназардошти он ки таъмини барқ яке аз омилҳои асосии пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа мебошад, натиҷаҳои ин таҳқиқот аҳаммияти амалӣ низ доранд. Маълумоти таърихӣ оид ба электрикунонӣ метавонанд барои мукаммалсозии сиёсат ва стратегияҳои рушд дар соҳаи энергетика истифода шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар тарбияи эҳсоси ифтихори миллии техникӣ ва омӯзиши таърихи маҳаллӣ дар муассисаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад. Дар маҷмуъ, ҳам муҳиммияти назариявӣ ва ҳам арзиши амалӣи диссертатсия дар сатҳи баланд қарор дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02. –Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки дар таърихи нави Тоҷикистон, махсусан дар асри XX ва ибтидои асри XXI, масъалаи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ на танҳо ҷузъи муҳими сиёсати рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, балки яке аз воситаҳои муҳими таҳкими амнияти миллӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд, ки оғози он ба солҳои 20-уми асри гузашта рост меояд, дар ҳамаи марҳилаҳои сиёсати давлатӣ — аз даврони шӯравӣ то истиқлолият — дорои аҳамияти стратегӣ буда, дар ташаккули зерсохторҳои истеҳсолӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, саноат, фарҳанг ва маориф нақши калидӣ бозидааст.

Аз ибтидои татбиқи барномаҳои давлатӣ равшан буд, ки ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ ба хотири мавқеи сарҳадии худ бо Афғонистон бояд пеш аз ҳама бо роҳ, иртибот ва қувваи барқ таъмин шаванд. Ҳанӯз дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ, дар ин минтақаҳо аввалин роҳҳои сангфарш ва шабакаҳои барқии ибтидоӣ сохта шуданд. Аз 250 истгоҳи барқии сайёре, ки барои ҷумҳурӣ ҷудо гардида буданд, 73 адад ба ҳамин минтақаҳои наздисарҳадӣ дода шуда, дар нуқтаҳои аҳолинишин насб гардиданд. Маҳз дар ҳамин ҷо аввалин муассисаҳои нави маъмурӣ ва фарҳангӣ бунёд ёфтанд.

Дар даврони шуравӣ, аз як тараф, электрикунонӣ пояи рушди ҳама соҳаҳои иқтисоди миллӣ буд; аз тарафи дигар, он ба мақсади намоиш додани афзалияти низоми сиёсӣ нисбат ба Афғонистони нимфеодалӣ ва

нимкапиталистӣ низ хизмат мекард. Дар замони истиқлол масъалаи электрикунонии ҷанубу шарқи кишвар боз ҳам мубрамтар шуд. Он ба сифати неруи асосии истеҳсолкунанда ва созмондиҳандаи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ободонии минтақа нақши ҳалкунанда дошт.

Бо вуҷуди ин, як қатор ҷанбаҳои муҳим — аз қабили таъсири электрикунонӣ ба рушди истеҳсолот, тағйироти ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва омилҳои тезонидани ин раванд — то имрӯз дар маркази таҳқиқоти амиқ қарор нагирифтаанд. Дар матбуоти илмӣ ва даврӣ гарчанде маводҳои зиёде ба масъалаҳои умумии энергетика ва электрикунонии кишвар бахшида шудаанд, вале манзараи таърихии электрикунонии маҳз минтақаҳои ҷанубу шарқӣ бо аҳамияти геостратегии онҳо то ҳол пурра равшан нагардидааст.

Омӯзиши воқеъбинонаи таҷрибаи таърихии электрикунонии минтақа, таҳлили динамикаи он ва муайян кардани нақши он дар ташаккули сохтори иқтисодиву иҷтимоӣ дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад. Хусусан дар давраи истиқлол, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки таъминсозии истиқлолияти энергетикӣ мақоми ҳадафи стратегӣ гирифт, зарурати таҳқиқи мавзӯи мазкур боз ҳам тақвият ёфтааст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии рисолаи пешниҳодшуда дар он ифода меёбад, ки бори аввал масъалаи таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи аз солҳои 20-уми асри XX то оғози асри XXI бо истифодаи доираи васеи манбаъҳои хаттӣ, маводи бойгоҳӣ, асноди расмӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасии мукаммали таърихӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо коркарди густурдаи сарчашмаҳо ва ҷалби маълумоти нави бойгоҳӣ тавонистааст раванди ташаккули инфрасохтори энергетикӣ дар ин минтақаи муҳими стратегиро бо ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятии он дар давраҳои мухталиф – аз даврони шуравӣ то истиқлолият – бозсозӣ намояд.

Дар натиҷаи таҳқиқ як қатор навгониҳои илмӣ рӯшан гардиданд, аз ҷумла: муайян кардани марҳилаҳои асосии электрикунонии ноҳияҳои сарҳадии ҷанубу шарқӣ, ошкор намудани нақши ин раванд дар таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат, нишон додани таъсири он ба болоравии сатҳи маърифат ва фарҳанги аҳолӣ, инчунин тавсифи сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетика ҳамчун абзори сиёсати дохиливу хориҷӣ дар давраҳои гуногун.

Саҳеҳии натиҷаҳо ба асоснокии илмӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар рисола такя мекунад, ки онҳо бар пояи методологияи устувори таҳқиқоти таърихӣ, коркарди муфассали маълумоти оморӣ ва таҳлили муфассали рӯйдодҳо ҳосил шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқ равишҳои мукаммали

илмӣ — таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, мантиқӣ, системавӣ, истифодаи усулҳои таҷрибавӣ ва моделсозии таърихиро бо ҳам пайваста истифода намудааст. Ин равишҳо имкон доданд, ки хулосаҳои илмӣ бо далелҳои муътамад тасдиқ гарданд.

Аҳамияти илмӣ ва амалӣ, иқтисодиву иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки онҳо метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи энергетика ва инфрасохтори иқтисодӣ хидмат кунанд. Натиҷаҳои рисола барои муҳаққиқони соҳаҳои таърих, иқтисод, сиёсатшиносӣ, идоракунии давлатӣ, инчунин барои мутахассисони соҳаи энергетика ва рушди деҳот аҳамияти амалии бузург доранд. Мавод ва хулосаҳои он метавонанд дар таҳияи дастурҳои таълимӣ барои муассисаҳои олии таълимӣ, дар омодасозии монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ оид ба таърихи энергетикаи Тоҷикистон ва ҷанбаҳои иҷтимоиву иқтисодии он мавриди истифода қарор гиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз интихоби дурусти методология ва усулҳои пажуҳиш, истифодаи фаровони маълумоти аслӣ ва воқеъбинона, инчунин санҷиши бисёрқабатаи далелҳо шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз усулҳои мантиқӣ, таърихӣ, айниятӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, системавӣ ва оморӣ бо мақсади таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи мавзӯъ истифода бурдааст. Ҳамзамон, истифодаи маводи бойгоҳӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии даврони шӯравӣ ва истиқлолият ба эътимоднокии хулосаҳо заминаи устувор фароҳам овардааст.

Саҳми шахсии довталаб дар анҷом додани ин таҳқиқ хеле назаррас аст. Муаллиф мустақилона ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқро муайян намуда, доираи мавзӯъ ва масъалаҳои калидиро дақиқ интихоб кардааст. Ҷамъоварӣ, системасозӣ ва таҳлили маълумотҳо, тартиб додани пойгоҳи маълумотии оморӣ ва ҳуҷҷатӣ, сохтани моделҳои таърихии равандҳои электрикунонӣ ва пешниҳоди хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ комилан аз ҷониби худи довталаб анҷом дода шудааст. Ин ҳама далели ташаббус, мустақилият ва салоҳияти баланди илмии ӯ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки муҳтавои асосӣ ва навгониҳои илмии рисола дар муҳити илмӣ мавриди баррасӣ ва эътироф қарор гирифтаанд.

Диссертатсия аз лиҳози сохтор ва мазмун мутобиқ ба талаботи меъёрӣ таҳия шудааст: аз муқаддима, ду боби асосӣ бо зербобҳо, хулоса ва рӯйхати муфассали сарчашмаҳо иборат мебошад. Дар он ҳам заминаи назариявӣ ва ҳам таҳлили муфассали амалии масъала ҷой дода шудааст, ки сатҳи баланди касбии кори илмиро нишон медиҳад.

Диссертатсия шаҳодат медиҳад, ки унвонҷӯ Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ ҳиссаи шахсии намоён дар тадқиқоти анҷомдодашуда дорад. Пеш аз ҳама, интихоб ва таҳияи мавзӯъ, инчунин муайянсозии ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо ташаббус ва пешниҳоди худи унвонҷӯ сурат гирифта, аз мустақилияти фикрии ӯ дарак медиҳад. Муаллиф шахсан ба ҷустуҷӯ ва омӯзиши маводи бойгониҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ машғул шудааст, ки ин аз заҳматкашӣ ва малакаи баланди таҳқиқотии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Қобили зикр аст, ки аксарияти маълумоти тоза ва санадҳои вориднагардида ба гардиши илмӣ бори аввал аз ҷониби худи унвонҷӯ дастрас ва ворид гардидаанд. Истифодаи ин сарчашмаҳои нав ба муҳаққиқ имкон дод, ки хулосаҳои илман асоснок ва воқеъбинона барад. Ғайр аз ин, коркарди мустақилонаи мавод, таҳлили татбиқи натиҷаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ низ аз ҷониби довталаб ба таври шоиста анҷом ёфта, маҳсули фаъолияти шахсии илмиаш мебошад. Ҳамчунин, унвонҷӯ натиҷаҳои асосии кори худро дар ҳамоишҳои илмӣ ва маҷаллаҳои кишвар ба нашр расонидааст, ки ин нишонаи фаъолнокии илмии ӯст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар ҳаҷми 168 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

**Боби якуми рисола** *«Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар даврони Шуравӣ”* номдошта аз чаҳор зербоб иборат буда, ба таҳлили шароити иқтисодию иҷтимоии минтақа пеш аз оғози электрикунонӣ ва марҳилаҳои аввали татбиқи ин сиёсат бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, санадҳои меъёрӣ, матбуоти даврӣ ва маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар шароити камбуди инфрасохтор, норасоии таҷҳизоти техникӣ ва набудани кадрҳои соҳибихтисос, қадамҳои нахустини сохтмон ва истифодаи шабакаҳои барқӣ чӣ гуна гузошта шуданд. Бо таҳлили амиқ равшан мегардад, ки электрикунонӣ ҳамчун як раванд на танҳо ҷанбаи техникӣ, балки таъсири иҷтимоӣ ва иқтисодии фарогир дошта, ба тағйири тарзи зиндагии аҳолӣ ва ташаккули заминаҳои рушди истеҳсолот мусоидат намуд.

**Боби дувуми рисола** *«Сохтмони энергетикӣ ва электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар даврони истиқлол"* номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат буда – марҳилаҳои рушди инфрасохтори барқӣ ва таъсиси корхонаҳои нави энергетикӣ, стансияҳои барқи обӣ ва хатҳои интиқолро дар бар мегирад. Муаллиф фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ, нақши онҳо дар саноатикунонӣ ва рушди кишоварзӣ, инчунин ҳамкории байниидоравиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин боб нақши иншооти калидӣ, аз ҷумла нерӯгоҳҳои хурду миёна, дар таъмин ва устувор гардонидани таъминоти барқии деҳот ва шаҳрҳо муфассал баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, бо далелҳои оморӣ нишон дода мешавад, ки афзоиши истеҳсоли нерӯи барқ бо рушди соҳаҳои коркард, обёрӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамбастагии мустақим дошт.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дорои таҳлили амиқи таърихии раванди электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон буда, робитаи он бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйироти тарзи зиндагии аҳолӣ хуб инъикос ёфтааст. Истифодаи васеи сарчашмаҳои хаттӣ, оморӣ ва шифоҳӣ ба эътимоднокии хулосаҳо замина гузошта, корро дорои арзиши назарраси илмӣ ва амалӣ мегардонад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** Тахассуси илмии довталаб Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ пурра ба ихтисоси дархостшаванда 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба диссертатсия.** Бо дарназардошти аҳамияти назаррас ва сатҳи баланди коркарди маводи илмӣ, дар баробари ҷиҳатҳои мусбату дастовардҳои ин таҳқиқ, як қатор нуктаҳои такмилталаб ба назар мерасанд, ки зикри онҳо бо ҳадафи боз ҳам ғанӣ гардондани қори илмӣ ва тавсеаи арзиши назариявию амалӣ зарур менамояд.

**1.** Гарчанде муаллиф доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро ба таври васеъ ҷалб намуда, ин ҳолат аз огоҳии баланд ва салоҳияти касбии ӯ шаҳодат медиҳад, дар баъзе мавридҳо андешаҳои шахсӣ ва муносибати таҳлилӣ нисбат ба назарияҳои мавҷуда бо фарохӣ ва умқи кофӣ ироа нагардидаанд. Ифодаи возеҳтар ва муфассалтари мавқеи шахсии муҳаққиқ, муқоисаи мустақими мулоҳизаҳои хеш бо хулосаҳои муҳаққиқони қаблӣ ва ҳамзамон баҳогузории интиқодӣ ба назарияҳои мавҷуда, метавонад самти таҳқиқро возеҳтар намуда, таъсири илмии онро афзун созад.

**2.** Маълумоти оморӣ ва ҷадвалҳо дар кори мазкур ҳамчун унсурҳои калидии асосноккунии таҳқиқ нақши муҳим доранд. Бо вуҷуди ин, ҷойгир кардани онҳо мустақиман дар матн дар баъзе ҳолатҳо мутолиаро мушкил месозад ва пайгирии мантиқии далелҳоро душвор мегардонад. Мақсаднок

мебуд, агар муаллиф чунин маводро дар шакли замимаҳои мустақил пешниҳод намуда, дар матн танҳо ба онҳо истинод меовард. Ин иқдом, аз як тараф, мутобиқати расмӣ бо меъёрҳои ҳуҷҷатгузории илмиро таъмин намуда, аз тарафи дигар, хонандагиро осонтар ва низомноктар мегардонад.

**3.** Мавқеи занон дар раванди электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, ки дар давраҳои мухталиф саҳми назаррас доштаанд, дар таҳқиқ ба таври кофӣ бозтоб наёфтааст. Гузаронидани таҳлил аз дидгоҳи гендерӣ — бо такя ба мисолҳои мушаххас, омор ва ёддоштҳои шоҳидон — на танҳо паҳлӯи иҷтимоии масъала ва нақши занонро дар раванди тағйироти иқтисодию фарҳангӣ равшан месозад, балки арзиши илмӣ ва иҷтимоии диссертатсияро низ афзун хоҳад намуд.

**4.** Дар хулосаи боби дуюм, бо вуҷуди анҷоми ҷамъбасти муфассал, имкон вуҷуд дорад, ки таҳлили таъсири рушди шабакаҳои барқӣ ба ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа, махсусан дар давраи баъди истиқлолият, бо ҷузъиёти бештар ироа гардад. Иловаи мулоҳизаҳо дар бораи тағйироти сохтории хоҷагии қишлоқ, таъсири баркрасонӣ ба соҳаҳои саноат, маориф ва фарҳанг, инчунин ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, метавонад тасвири илмии масъала ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқро пурратар намояд.

**5.** Дар бархе порчаҳои матн иштибоҳҳои ҷузъии имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки таъсири ҷиддӣ ба муҳтавои илмӣ намерасонанд, аммо ислоҳи онҳо ҳангоми омодасозии нашри монография зарур мебошад. Ин иқдом на танҳо симои илмии кори таҳқиқотиро такмил мебахшад, балки мутобиқати онро бо талаботи забонӣ ва услубии расмӣ таъмин месозад.

Дар маҷмӯъ, эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва осонислоҳ мебошанд ва арзиши илмӣ-назариявии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, бартарафсозии онҳо метавонад ба густариши паҳлӯҳои таҳлилӣ ва ғанӣ гардидани натиҷаҳои бадастомада мусоидат намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии натиҷаҳои илмиро дақиқ ва пурра инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзӯи *«Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)* аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва асоснокии мантиқӣ ба талаботи амалкунанда пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дошта, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81-и *Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ* (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фарҳангшиносӣ ва мардумшиносии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Баротов М. омода гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик (протоколи №1**, аз «26»** 08. 2025) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 16 нафар, зид - нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи
таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Мирзоев Ғ.Ш.

**Эксперт:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи
фарҳангшиносӣ ва мардумшиносии
МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Баротов М.Ю

Котиби илмии ҷаласа: Қурбонова М

Имзоҳои Мирзоев Ғ.Ш., Баротов М.,
Қурбоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» дотсент Исозода Т.И.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www. btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru

«27» «08» соли 2025